## ТАҚРИЗ

**ба фишурдаи рисолаи доктории Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа.**

Масъалаи таснифи илмҳо дар тули таърих яке аз мавзуъҳои ҷавҳарии таърихи илм будааст. Таваҷҷӯҳи муосирони мо низ давоми мантиқии ин суннати гузаштаи башарӣ мебошад.

Дар робита ба омузиш ва ҳаллу фасли ин масъалаҳо ҳадафи асосии диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо чуноне, ки худи ӯ дар фишурдаи таҳқиқи худ бо номи “Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо” ишорат менамояд, омӯзиш, таҳқиқ ва муайян кардани мақоми таснифи илмҳо дар таърихи илми асримиёнагии халқи тоҷик мебошад. Ин мавзуъ аз дер боз ба муаллиф ошно буд. Ӯ дар рисолаи номзадии худ бо номи “Назари муҳаққиқони муосири араб ба фалсафаи Ибни Сино”, Душанбе, “Ирфон”, 2008, (312 с) дар мавзӯи фалсафаи Ибни Сино ба масъалаи таснифи илмҳо борҳо ишора намудааст.

Дар муддати қариб 25 соле, ки муаллифро аз наздик мешиносам ва солҳо ҳамкор ҳам будем, муҳтарам Ниёзӣ Ё.Б. ҳамеша худро аз ҷиҳатҳои мусбат нишон медод. Аз омилҳои таъсиргузор дар шахсияти ӯ яке ин буд, ки шарқшинос ва арабшиноси касбӣ буд. Ва завқи хосе дар илмҳои равоншиносӣ (психология) дошт. Ва чанд соле дар ин ҷода талош намуда аст.

Ба гумонам ҳамин завқи равоншинос барои вусъати ҷаҳонбинии илмӣ ва фалсафии ӯ кӯмаки босазое намуда бошад.

Барои намуна аз натиҷагириҳои муҳими илмии Ниёзӣ Ё.Б. дар диссертатсия ин чанд нуктаро зикр мекунем:

-Таҳқиқи масъалаи таснифоти илмҳо дар мактаби машшоияи шарқӣ (пайравони Арасту дар шарқи исломӣ) ва дигар таснифоти минбаъдаи донишмандони асримиёнагии тоҷик барои дарки моҳияти навъҳои гуногуни таснифоти илмҳое, ки дар асрҳои баъдӣ дар фалсафаи Шарқу Ғарб сурат гирифт, аҳамияти муҳими таърихӣ, маърифатӣ ва методологӣ касб кард. (с.4).

-Пажуҳиши масъалаи таснифи илмҳо дар шинохти илмҳои асримиёнагии тоҷик бозгукунандагони мавҷудияти ақидаҳои гуногун (плюрализм) дар асрҳои миёна мебошад. Ҷомеаи муосири исломӣ бояд гуфтугу ва ба ҳам наздикшавии мусолиматомези фарҳангҳои Шарқу Ғарбро, ки дар осори мутафаккирони машшоияи шарқӣ баён гардида, раванди фаҳмиши муътадили исломро ташаккул дода буд, пайгирӣ намоянд. (с.4).

-Масъалаи таснифоти илм дар асрҳои баъдӣ аз тарафи пайравони Ибни Сино, чун Насируддини Тусӣ тақсимоти илмҳоро мисли Абунасри Форобӣ ва

Ибни Сино ба назариву амалӣ матраҳ сохта, бештар ба гуруҳбандии илмҳои адабӣ таваҷҷӯҳ кардааст. (с.7).

-Аз муҳаққиқони тоҷик аввалин шуда М.Диноршоев ва баъдҳо Муҳаммад Алӣ Музаффарӣ ба ин масъала таваҷҷӯҳ зоҳир намудаанд. (с.8,9).

-Машшоиёни шарқӣ бори нахуст китоби алоҳидае бо номи "Иҳсо-ал-улум" ва рисолаҳои мустақиле мисли "Тақсими улуми ақлӣ" дар ин замина ба вуҷуд оварданд. (с.12).

-Бо ворид шудани дини ислом дар фарҳанги тоҷик илмҳо ба ваҷҳи дигар ташаккул ёфтанд: яъне бо таъсири фарҳанги юнонию исломӣ мактаби машшоияи шарқӣ ба вуҷуд омад, ки бештар ба ақл ва усулҳои мантиқ такя мекард. Дар таснифоти илмҳои мактаби машшоияи шарқӣ бартарияти бештар ба улуми ақлӣ дода мешуд, на ба улуми нақлию (динию) каломӣ. (с.13).

-Абунасри Форобӣ аз аввалин файласуфонест, ки рисолаи ҷудогонаеро бо номи "Эҳсо-ул-улум" (Табақабандии илмҳо) дар таърихи фалсафаи ҷаҳон навишта, донишҳои гуногуни асри худро дастабандӣ кардааст. Арасту танҳо илми ақлӣ (ҳикмату фалсафа)-ро, тақсимбандӣ карда буд, вале аз дастабандии Абунасри Форобӣ ошкор гардид, ки афзун бар илми фалсафа, илмҳои ғайрифалсафӣ, монанди забону адабиёт, фиқҳ низ тасниф шудаанд. (с.13).

-Баррасии осори мухолифони мактаби машшоияи шарқӣ (перипатетизми шарқӣ) нишон медиҳад, ки меъёри таснифоти илм дар тақсимбандии онҳо, бо таъсири таълимоти исломӣ идома пайдо карда, унсурҳои фалсафаи мактаби машшоияи шарқиро ночиз нишон медиҳад. Ин равиши тасниф таҳти таъсири идеологияи исломӣ ба вуҷуд омада, ба суннат такя мекунад, ки он ба дидгоҳҳои фиқҳию каломӣ асос гузошт. (с.14).

-Бо ворид шудани таълимоти марксистӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ ин таълимот сарфи назар гардид. Баъди аз байн рафтани Иттиҳоди Шӯравӣ зарурати аз нав таҳқиқ кардани он ба вуҷуд омад. (с.14).

Ин иқтибосҳо гувоҳи онанд, ки муҳаққиқ дар таҳия ва тарҷумаи осори Ибни Сино саҳми чашмрас дошта, мавзӯи таснифи илмҳоро аз ин сарчашмаҳо фаро гирифтааст.

Сазовори таъкид аст, ки муаллиф ҳам дар диссертатсия ва ҳам дар фишурдаи он (автореферат) ба ҳамаи масъалаҳо ба назари танқидӣ менигарад. Масалан, дар саҳифаи 30 автореферат менависад: "Кашфиётҳои пешина дар замини таснифи илмҳо сабаби ренессанси Урупо гардид. Аммо Шарқи асримиёнагӣ, то ба ҳол натавонист ба ренессанс расад. Шояд яке аз сабабҳояш дар он бошад, ки аслан дар Шарқ ба илм ва олим бовар надоштанд ва фақат дар асоси боварҳои динӣ худро маҳдуд карда, кӯшиш менамуданд, ки дигар фаҳмишҳои худро дар фаҳмишҳои мазҳабӣ мутобиқат созанд. Аз ин сабаб ба ибтикор ва навоварие даст наёфтанд". (с.30).

Бо ҳамаи ин комёбиҳо автореферати Ниёзӣ Ё.Б аз баъзе нуқсонҳои ҷузъӣ холӣ нест.

Аз ҷумла:

Якум: Қисмати тоҷикии автореферат аз саҳифаи 1 то 34 давом карда, фақраҳои 6,7,8,9 ва 10 "Таснифҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо" партофта шудааст.

Дуюм: Дар қисмати муқоисаи таснифи илмҳо дар олами юнонӣ ва исломӣ такрорҳо роҳ ёфтаанд.

Сеюм: Дар чопи матбаии баъзе калимаҳо ғалатҳои техникӣ ба назар мерасад.

Барои мисол калимаҳои зер ғалат чоп шудаанд: илмҳо (с.12); таълимӣ (с.13); муносибатҳо (с.14); осиёб (с.19); мутафовит (с.21); "Ҳикмат-ул-машриқийин" (с.23); Тошкӯпаризода (с.27); ихтироот (с.31); осиёби бодӣ (с.31); бар ҳасби мабонӣ (с.32);

Қатъи назар аз ин эродҳои ҷузъӣ метавон гуфт:

Муаллифи автореферат Ниёзӣ Ё.Б дар такя ба сарчашмаҳои ватаниву хориҷӣ як кори арзишманд ва анҷомшударо ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки бо назардошти ин, муаллиф ба дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03-таърихи фалсафа сазовор аст.

Доктори илмҳои фалсафа,
сарходими Маркази омӯзиши
равандҳои муосир ва ояндангарии илмии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Беков Комилҷон

Суроға: 734027, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, маҳаллаи Меҳробод,
кӯчаи Сафарзода З.А, хонаи №3
тел: 917260383
E-mail: didavar@inbox.ru

Имзои Беков Комилҷонро тасдиқ мекунам:

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсус Муродова М.Р.

ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ
АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН